**Тақризи**

**муқарризи расмӣ доктор (PhD) «Забоншиносӣ», Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забонӣ вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна ба таҳқиқи низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ бахшида шуда, яке аз забонҳои эронии шарқиест, ки аз рӯйи хусусиятҳои фонетикӣ ва луғавию грамматикии худ дар байни гурӯҳҳои забонҳои бадахшонӣ мавқеи хосаро ишғол мекунад. Мавқеи истеъмоли забони вахонӣ нисбат ба тамоми забонҳои эронии шарқӣ васеътар аст ва он дар байни забонҳои эронӣ ягона забонест, ки дар қаламрави Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Чин мавриди истифода қарор дорад.

Аз ин рӯ, шаклҳои диалектологии гуфтори вахонӣ низ зиёд аст ва танҳо дар қаламрави Бадахшони Тоҷикистон се лаҳҷаи ин забон шарқӣ (болоӣ), марказӣ (миёна) ва ғарбӣ (поёнӣ) корбурд дорад. Аз омӯзиши диссертатсия маълум гардид, ки дар аввалҳои асрҳои миёна ба сабаби кӯчидани вахониён ба минтақаҳои кӯҳистонии шимоли Ҳинд ва сипас ба водиҳои Туркистони Чин қаламрави ин забон густариш ва тавсеа ёфтааст.

Мусаллам аст, ки забони вахонӣ идомаи таърихии яке аз лаҳҷаҳои забони сакоӣ буда, таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Ҳарчанд дар забоншиносии муосир силсилаи таҳқиқот доир ба сохтори дастурии забони вахонӣ ба сомон расида бошад ҳам, системаи ҷонишинҳои забони вахонӣ ба таври комил таҳқиқ нашудааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқ пажуҳиши амиқи хусусиятҳои луғавӣ, семантикӣ ва грамматикии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ мебошад.

Объекти таҳқиқ ба доираи пажуҳиши амиқ ва ҳамаҷониба кашидани низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ предмети таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи ҷонишинҳои забони вахонӣ дар забоншиносии тоҷик ва эроншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардида, муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои луғавӣ, семантикӣ ва грамматикии низоми ҷонишинҳои забони вахониро мавриди омӯзиш қарор диҳад ва ба мақсади худ ноил шудааст.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ба асоси методологии диссертатсия таҳқиқоти бунёдии олимон ва забоншиносони шинохта ба монанди Д.Карамшоев, Н.Карамхудоев, Х.Қурбонов, Т.Бахтибеков, М.Қосимова, С.Мирзобидинова, М. Файзов, Б.Сиёев, М.А. Наҳангова М.М.Аламшоев, Ш.Юсуфбеков, инчунин олимони рус аз қабили А.Л.Грюнберг, И.М.Стеблин Каменский, Т.Пахалина, Т.И.Оранская, В.С.Соколова, В.В.Виноградов, А.М.Пешковский, В.С.Расторгуева ва дигарон хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар пажуҳиши махсуси низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ буда, бори нахуст дар эроншиносӣ низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳои забони вахониро таҳлил намуда, гурӯҳҳои ҷонишинҳои забони вахониро аз назари маъноӣ ва грамматикӣ муайян намудааст.

Диссертант дар кори илмии худ дар асоси назарияи умумилингвистии муосир нишон додани вазифа ва маъноҳои

луғавию грамматикӣ, тавсифи ҷонишинҳои вахонӣ дар асоси хусусиятҳои маъноию сохторӣ, таҳлили амиқи хусусиятҳои грамматикии таркибҳои ҷонишинӣ, муайян намудани маъноҳои грамматикии ҳолат (падеж)-ҳои ҷонишинҳои забони вахонӣ ва воситаи ифодаи онҳо ва ҳамчунин дигар масъалаҳои муҳими марбут ба ҷонишинҳои ин забонро ба сифати нуктаҳои аслӣ барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур ба таҳлилу баррасии назариявӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои муҳими методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, муаллиф заминаи сарчашмаро тавсиф намуда, аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Боби аввал «**Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷонишинҳо дар забоншиносӣ**» ном дошта, доир ба асосҳои назариявии масоили мухталифи марбут ба ҷонишинҳо ва сохтори семантикию дастурии онҳо дар осори забоншиносӣ ба таври густурда мавриди баррасию таҳқиқ ва мубоҳисоти ҷиддии илмӣ қарор гирифта, назароти муҳаққиқон доир ба хусусиятҳои сохторию корбурдии онҳо баён гардидаанд.

Боби дуюм «**Ҷонишинҳои шахсӣ**» номгузорӣ шуда, таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои дастурии ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои

нафсӣ-таъкидӣ ва корбурди таркибҳои эргативии онҳо равона шудааст.

Боби сеюм **«Ҷонишинҳои ғайришахсӣ дар забони вахонӣ»** унвон дошта, роҷеъ ба хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак сухан рафтааст. Дар диссертатсия мазкур хелҳои алоҳидаи ҷонишинҳо дар ҷадвалҳо таҳлил шудаанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро ба пуррагӣ ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқи худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Дар хулосаи диссертатсия бо овардани 10 банди мушаххас натиҷагириҳо аз таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудаанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 4 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди татбиқ қарор додани онҳо назарияву амалияи шохаи сарфу наҳви илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам тавсеа ёбад.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки ҷонишинҳои забони вахонӣ, хелҳо ва сохти онро аз ҷиҳати сарфию наҳвӣ омӯхта, мисолҳои зиёдеро намуна овардааст.

Диссертатсияи омодашудаи муаллиф фарогири 19 ҷадвал аст, ки муаллиф тавонистанд ба ҳаллу фасли мавзуи матраҳшаванда андешаи шахсиашро асоснок кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос замина барои таҳқиқоти илмию назариявии ин самти забоншиносӣ ва помиршиносӣ манфиатнок буда метавонад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ дар он аст, ки диссертант дар ҷараёни пажӯҳиш аз навиштани мавзуи рисола, ҷамъоварии мавод, гурӯҳбандии онҳо, ба бобу зербобҳо ҷудо карда навиштани рисола ба таври мустақим саҳм гузоштааст. Инчунин муаллифи диссертатсия ба навиштани мақолаҳо доир ба мавзуъ ва маърузаҳо дар ҳамоишу конференсияҳо саҳми беандоза дорад.

Ҳамин гуна дар диссертатсияи диссертант дастовардҳои илмӣ чашмрасанд. Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур анҷомёфта ҳисобида шавад ҳам, дар он баъзе камбудиҳо мушоҳида шуданд, ки зикр гардидани онҳоро зарур мешуморем.

1. Хуб мешуд, ки диссертатсияро дар ду боб ҷамъбаст мекардӣ, яъне боби сеюмро ба зергурӯҳҳои боби дуюм тақсим мекардӣ.

2. Дар ноbaraқи фишурдаи рисола адабиёти истифодашударо нишон медод.

3. Омӯзиши бандакҷонишинҳои забони вахонӣ дар рисола ва автореферат пурра мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

4. Агар муаллиф аз сарчашмаҳое, ки солҳои охир таълиф гардидаанд, истифода менамуд хуб мешуд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат камбудиҳои имлоӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи дисертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти рақами №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Муқаррizи расмӣ, доктор (PhD) «Забоншиносӣ»**
**муаллими калони кафедраи забонҳои**
**хориҷии ДБССТ, Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна**

**Суроға 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5**
**Тел:(+992)931009190**
**E-mail: nurjahon-0590@mail.ru**

**Имзои доктор (PhD) “Забоншиносӣ” муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии ДБССТ, П. Нурҷаҳонро тасдиқ мекунам:**

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.**

13-уми январи соли 2024